# Иштироки Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сахидод Раҳматуллозода дар маросими супоридани шаҳодатнома ба хатмунандагони курси «Пайравони Пешвои миллат»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 2 Июн, 2025 - 17:50
[1]

Дар IT PARK DUSHANBE - Маркази технологияҳои пешқадами шаҳри Душанбе Ташкилоти ҷамъиятии «Пайравони Пешвои миллат» дарякҷоягӣ бо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими ҷамъбасти курси омӯзишии «Ҷавонон – пайравони Пешвои миллат» - ро, ки давоми нимсоли охир 110 нафар фаъолҷавононро аз сафҳои муассисаҳои олии ҳудуди пойтахт ба омӯзиш фаро гирифта буд, доир намуд.
Ёдовар мешавем, ки курси омӯзишӣ дар доираи нақша – чорабиниҳои муштараки Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди ва Ташкилоти ҷамъиятии «Пайравони Пешвои миллат» ибтидо аз соли 2019 то инҷониб бо мақсади ҷалби ҷавонони соҳибистеъдоду соҳибмалака, омода намудани онҳо ҳамчун кадрҳои ҷавон ва содиқ ба Ватану миллат, омӯзонидани мактаби давлатдории Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷалби онҳо ба фаъолияти волонтёриву ҷамъиятӣ ва расонидани хизматрасониҳои алоқаманд дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва ба ин васила ташаккул додани афкори сиёсиву баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шунавандагони курс мусоидат намуд.
Ташкили курс танҳо ба он хотир нест, ки иштирокчиён бо фаъолияти шахсони барӯманди ҷомеа ва ниҳоди давлативу ҷамъиятӣ бохабар шаванд, балки бо гирифтани донишҳо қувваи зеҳнӣ ва тафаккури худро мустаҳкам намоянд.
Саҳми аъзоёни Ташкилоти ҷамъиятии «Пайравони Пешвои миллат», ки фисади бештари онҳо хатмкунандагони курс дар маъракаҳои муҳими сиёсӣ, аз ҷумла интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилони маҳаллӣ назаррас буда, натиҷаи фаъолияти самарабахши онҳо аз ҷониби мушоҳидони байналмилалӣ низ баҳои баланд гирифтааст.
Ин курс бо ҷалби ходимони давлатӣ, шахсиятҳои шинохта, роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, собиқадорони соҳаҳои мухталиф ва соҳибкорони муваффақ дар давоми ним сол баргузор гардида, ба шунавандагони он имрӯз дар арафаи ҷамъбасти моҳвораи ҷавонон дар фазои тантанавӣ шаҳодатнома ва дипломҳои хатм супорида шуд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

- 

[5]

-

[6]

- 

[7]

-

[8]

- 

[9]

-

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/ishtiroki-raisi-kumitai-zabon-va-istilokhoti-nazdi-khukumati-chumkhurii-tochikiston-sahidod?page=26

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/503096427_122158322558462396_5959716696174449096_n_0.jpg [2] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/502587592_122158322786462396_2295569733836188292_n_0.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/502606078_122158322504462396_38570056493718617_n_0.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/502821934_122158322744462396_911729730819826641_n_0.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/503096427_122158322558462396_5959716696174449096_n_0.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/503101953_122158322702462396_3450572534997516537_n_0.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/503632520_122158322828462396_4347419513638024462_n_0.jpg [9] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/503705472_122158322654462396_4740805393847099622_n_0.jpg